Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили
хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ ва
маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои
марбут ба хариду фурӯши одамон

*Таҳияи* ***Қиёмиддин Миралиев***

# ДАСТУРИ АМАЛӢ

## ОИД БА ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ИТТИЛООТНОКӢ ВА МАЪРИФАТНОКИИ ҶАВОНОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН:

## Амалисозии Театри сайёр (барномаҳои театрӣ) дар ноҳияҳои Ҳисор, Вахдат, Ёвон ва Данғара

Душанбе 2013

*Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон тавассути ташкили барномаҳои театрӣ дар Тоҷикистон аввалин буда, фарогири мазмуну муҳтавои амиқи омилҳои марбут ба хариду фурӯши одамон ва роҳу усулҳои муассири бартарафкунии он мебошад. Лоиҳаи мазкур дар асоси Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, таҷрибаи андухта дар ин самт, талаботи воқеии ҷавонон ва сафари таҷрибаомӯзии гурӯҳи мутахассисони масъули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки моҳи сентябри соли 2012 ташкил гардида буд, таҳия гаштааст ва он ҳамчун модели муассир барои истифода ба институтҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар мақомоти алоқаманд тавсия карда мешавад.*

MKA

# МУНДАРИЧА

I. МУҲИМИЯТИ МАСЪАЛА ........ 4

II. ЛОИҲАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИТТИЛООТНОКӢ ВА МАЪРИФАТНОКИИ ҶАВОНОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН ........ 7

2.1 Мақсади асосии Лоиҳа ........ 7

2.2 Вазифаҳои Лоиҳа ........ 7

III. УСУЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ВАЗИФАҲОИ ЛОИҲА ........ 9

IV. ГУРУҲҲОИ МАҚСАДӢ ........ 13

V. ТАШКИЛОТҲОИ ҲАМКОР ........ 13

VI. МЕТОДОЛОГИЯИ АМАЛИСОЗИИ ЧОРАБИНИҲО ........ 14

VII. НАТИҶАИ НИҲОӢ ........ 14

VIII. ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА ........ 15

Замимаи 1. Нақшаи амалиёти баргузории Театри сайёр оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара ........ 16

Замимаи 2. Рӯйхати масъулон оид ба татбиқи Лоиҳа ........ 20

Замимаи 3. Барномаҳои (сенарияҳои) Театри сайёр ........ 21

Замимаи 4. Барномаи (модули) таълимӣ оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон барои маълумоти масъулон ва мутахассисони алоқаманд ........ 26

Замимаи 5. Намунаи Шартнома бо ихтиёрӣ-актёр**Ошибка! Закладка не определена.**

Замимаи 6. Намунаи Шартнома бо тренер-актёр**Ошибка! Закладка не определена.**

## I. МУҲИМИЯТИ МАСЪАЛА

Тоҷикистон ҷавон аст, аз нигоҳи аҳолӣ 70% шаҳрвандонро ҷавонон, шахсони то 30 сола ташкил медиҳад ва аз нигоҳи сиёсӣ низ Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва ягона ҳамагӣ 21 сол дорад[1].

Шумораи умумии ҷавонон (шахсони то 30 сола) дар ҳолати 1 январи соли 2013 5,9 миллион нафарро ташкил додааст, ки он нисбат ба соли 1991 45% зиёд гардидааст. Шумораи ҷавононӣ 14-30 сола бошад, 3,1 миллион нафарро ташкил медиҳад ва ин муносибат низ дар тули 21 соли таҳлилӣ то 87% афзоиш ёфтааст.

Воқеан ҳам аҷиб он аст, ки маҳз теъдоди ҷавонони болиғ, қувваи асосии корӣ ва дар ҳоли ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисман рушд буда, бештар зиёд гардидааст. Ҳамин аст, ки новобаста аз тадбирҳои мунтазам андешида, мушкилоти иҷтимоии ҷавонон зиёд гардида истодааст. Бахусус сатҳи бекорӣ, ҷинояткорӣ, мубталогардӣ ба бемориҳои хавфнок, худкушӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ғайра дар ҳоли афзоиш қарор дорад, яъне тақозои ҳаёти ҷорӣ буда, пеш аз ҳама аз рукнҳои демографӣ вобастагӣ дорад.

Паҳлӯи дигари дар ҳоли афзоиш қарор доштани мушкилоти ҳаётии ҷавонон ин дар маҳдуд будани дастрасии қисми зиёди ҷавонон ба хадамоти муосир мебошад. Дар кишвар қисми беши ҷавонон дар деҳотҷойҳо мебошанд, ин таносубнокӣ дар тули 21 сол ҳудуди 4-5% тағйир ёфтааст, яъне муътадил боқӣ мондааст. Вале ин муътадилӣ қисми беши ҷавононро ташкил медиҳад, ки маҳз ҳамин қишр ба истифодаи хадамоти таҳсили муосир, тандурустӣ, технологияҳои иттилоотӣ, бахусус интернет, забономӯзӣ, касбомӯзӣ, таъмингардӣ бо шуғл ва ғайра маҳдудият дорад, чун тамоми хадамоти муосир дар шароити шаҳр фароҳам оварда шудаанд.

Маҳз ҳамин омилҳо боис мегарданд, ки дар ҷомеаи падидаҳои номатлуб ба монанди хариду фуруши одамон пайдо гардад.

Аввалин маротиба ба падидаи хариду фурӯши одамон дар охири асри XIX таваҷӯҳ намуданд ва маҳз аз ҳамон вақт ташаккули заминаи қонунгузории мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ибтидо меёбад.

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011, Омори сиёсати давлатии ҷавонон

Ин мушкилот хусусияти байналмилалӣ дорад ва ба муқобили он тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамдастона мубориза бурда истодаанд. Хариду фурӯши одамон дар ҷаҳон дуюмин навъи ҷинояти аз нигоҳи иқтисодӣ даромаднoктарин баъд аз нашъаҷалобӣ пазируфта шудааст. Аз ин рӯ, тамоми кишварҳо бар зидди ин падидаи номалуб пайваста мубориза мебаранд.

Бо ҳамин мақсад ҳануз соли 1899 дар шаҳри Лондон (Британия) конфронси байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши занон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ баргузор гардида, дар натиҷа Мурoҷиатнома қабул гардид. Ҳамчунин, солҳои 1904 ва 1910 созишномаҳои байналмилалӣ дар бораи ҳамкорӣ дар масоили муқобилият ба хариду фурӯши одамон, солҳои 1921 ва 1933 конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба масоили хариду фурӯши одамон, соли 1949 Конвенсияи Ассамблеяи Генералии СММ «Оид ба мубориза бо фурӯши одамон ва истифодаи фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм», соли 1979 Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати зан», соли 1995 Платформаи амалиётҳои Пекин, соли 1997 Декларатсияи тавсияҳои аврупоии Гаага «Оид ба муқобилият ва мубориза бо хариду фурӯши занон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ» ва соли 2000 Конвенсияи СММ «Зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ» ва Протоколҳои иловагӣ ба он «Оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он» ва Протокол «Зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, бахр ва ҳаво» қабул гардиданд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ва маъмули мубориза бо хариду фурӯши одам протокол ба Конвенсияи зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ «Оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он» мебошад. Протоколи зикргардида дар таҷрибаи байналмилалӣ чун Протоколи Палермо маъмул аст. Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи мазкурро 29 маи соли 2002 ба имзо расонидааст.

Баъд аз ба имзо расонидани Протоколи Палермо, соли 2003 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри омӯзиш ва пешгирии масоили хариду фурӯши одамон аз ҳисоби мутахассисон ва масъулони вазорату идораҳои алоқаманд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи кории мазкур бо мақсади муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкили низоми мубориза бо хариду фурӯши одамон ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии ҷабрдидагони ин зуҳурот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро

«Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» таҳия намуда ва он 15 июли соли 2004 дар сатҳи мақомоти давлатии иҷроия ва намояндагӣ қабул карда шуд.

Дар баробари ин бо мақсади муборизаи дастҷамъона ба муқобили хариду фурӯши одамон 4 январи соли 2005 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон таъсис дода шуд.

Ҷиҳати амалисозии тадбирҳои маҷмӯӣ ва байнисоҳавӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006 №213 Барномаи маҷмӯӣ оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 қабул гардид ва мутобиқи системаи муносибатҳои оид ба мубориза ва муқобилиятнокӣ бар хариду фурӯши одамон ташаккул дода шуд.

Ҳамчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 ба тасвиб расид, ки мақсади он ба мувофиққунонии амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба хариду фурӯши одамон, аз ҷумла татбиқи ӯҳдадориҳои дахлдори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паст намудани хавфи иқтидорӣ барои аҳолии кишвар равона гардид.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон заминаҳои муосид барои мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ташаккул дода шуд, қадамҳои дигар ин амалисозии тадбирҳои алоқаманд дар самти муқобилият ба хариду фурӯши одамон, бахусус баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон мебошад.

## II. ЛОИҲАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИТТИЛООТНОКӢ ВА МАЪРИФАТНОКИИ ҶАВОНОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН

Лоиҳаи баланд бардоштани иттилоотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон (минбаъд Лоиҳа) яке аз усулҳои навини пешгирии хариду фурӯши одамон дар байни аҳолӣ буда, ба татбиқи самараноки соҳаи афзалиятноки пешгирикунандаи Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 равона гардидааст.

### 2.1 Мақсади асосии Лоиҳа

Мақсади асосии Лоиҳа ин паст намудани рафторҳои номатлуби ҷавонон тавассути баланд бардоштани иттилоотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон мебошад.

### 2.2 Вазифаҳои Лоиҳа

Чун Лоиҳа хурд аст, вазифаҳои он барои фарогирии теъдоди начандон зиёди ҷавонон равона гардидааст. Новобаста аз ин, интизорӣ аз натиҷаи Лоиҳа хело васеъ мебошад, яъне дар доираи Лоиҳа Модели таъмини иттилооти сифатнок оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон ба шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ташаккул меёбад, ки он тариқи баргузории театрҳои сайёр сурат мегирад.

Вазифаҳои асосии Лоиҳа чунинанд:

2.2.1. Рушди имкониятҳои институтсионалии Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2.2.2. Таҳияи Нақшаи амалиёт ва Барномаи Театри сайёр оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон;

2.2.3. Таъсиси Гурӯҳи ихтиёриён-актёрони ҷавон оид ба баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ, бахусус барномаҳои театрӣ дар байни ҷавонон;

2.2.4. Ҷалб намудани мутахассисони варзида ва омӯзонидани (омода сохтани) ихтиёриёни ҷавон ба усулҳои гузаронидани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ, бахусус барномаҳои театрӣ;

2.2.5. Баргузории Театри сайёр бо ташкили барномаҳои гуногуни маърифатӣ дар байни ҷавонон оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара

МКА

## III. УСУЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ВАЗИФАҲОИ ЛОИҲА

### 3.1. Амалисозии вазифаи 2.2.1 «Рушди имкониятҳои институтсионалии Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

Ташаккули имкониятҳои институтсионалии Лоиҳа яке аз усулҳои муассири ташкили фаъолият дар самти муқобилият ба хариду фурӯши одамон мебошад, ки он ба ҷалби харҷи бештари имкониятҳо ва муттаҳид сохтани тарафҳои алоқаманд равона мегардад. Дар ин радиф Лоиҳа ҳамкориро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои интихобӣ ба роҳ мемонад, ки маҳз ҳамин мақомоти салоҳияти бевоситаи таъсиррасонӣ ва ҷавобгарӣ ба тақдири шаҳрвандони маҳро дорад.

Ҳамчунин, татбиқи Лоиҳа дар ҳамкории зич бо мақомоти ваколатдории давлатии кор бо ҷавонон ва ё Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои маҳаллии он ба роҳ монда мешавад. Мақомоти давлатии мазкур ягона мақоме мебошад, ки масъули татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидааст ва пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон яке аз самтҳои асосии он ба шумор меравад.

Дар баробари ин Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалӣ сохтани тадбирҳои пешгирикунанда оид ба муқобилият ба падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон, бахусус хариду фурӯши одамон  таҷрибаи хуб дорад. Дар назди Кумита вобаста ба пешгирии хариду фурӯши одамон аз ҳисоби мутахассисиони вазорату идораҳои маориф, корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, адлия, амнияти миллӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин ва ташкилоти ҷамъиятии «Фемида» Гурӯҳи байнисоҳавии техникӣ таъсис дода шудааст, ки пайваста дар самти маърифатнокии аҳолӣ оид ба мубориза бар хариду фурӯши одамон фаъолият менамоянд.

Ҳамин тариқ, Лоиҳа дар ҳамкории зич бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Вахдат, Ёвон ва Данғара амалӣ гардонида мешавад.

Вобаста ба амалисозии Лоиҳа, бахусус ташкили Театри сайёр Нақшаи амалиёт таҳия гардида, барои мувофиқа ба шарикони ҳамкор ирсол карда мешавад.

Дар асоси Нақшаи амалиёт дар маҳалҳо мунтазам бо иштироки бевоситаи намояндагони шарикони ҳамкор барномаҳои Театри сайёр амалӣ гардонида мешавад.
Барои устувории фаъолият Модели Театри сайёр дар муқобилият ба хариду фурӯши одамон ба шарикони ҳамкор барои истифода пешниҳод карда мешавад.

**3.2. Амалисозии вазифаи 2.2.2 «Таҳияи Нақшаи амалиёт ва Барномаи Театри сайёр оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон»**

Бо мақсади татбиқи самараноки Лоиҳа бо ҷалби ду нафар мутахассисони соҳибтаҷриба дар мӯҳлати ду ҳафта Нақшаи амалиёт (замимаи 3) ва Барномаи (сенарияи) Театри сайёр оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон таҳия карда мешавад. Бо мутахассисони ҷалбгардида шартномаи ҳамкорӣ бо дарназардошти ҳаҷми корҳо ба имзо расонид мешавад.
Мавриди таҳияи Нақша намояндагони масъули Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб мегарданд, то ин ки тамоми ҷузъиёт ба инобат гирифта шаванд.
Муҳтавои Нақша иборат аз номгӯи чорабиниҳо, мӯҳлати баргузорӣ, макон, масъулон ва ҳамоҳангсозон тартиб дода мешавад.

**3.3. Амалисозии вазифаи 2.2.3 «Таъсиси Гуруҳи ихтиёриён-актёрони ҷавон оид ба баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ, бахусус барномаҳои театрӣ дар байни ҷавонон»**

Ҷиҳати баргузории самарабахши чорабиниҳои маърифатию иттилоотии Лоиҳа, бахусус барномаҳои театрӣ дар байни ҷавонон Гуруҳи ихтиёриён-актёрони ҷавон иборат аз 10 нафар дар синну соли 14-24 сола таъсис дода мешавад. Барои аъзогӣ ба Гуруҳ ихтиёриён аз ҳисоби ҷавонони фаъоли собиқадор ва ё донишҷӯёни бахши санъат ихтиёриён ҷалб карда мешаванд. Ҷалби ихтиёриён тариқи тамоси расмӣ ба муассисаҳои алоқаманд сурат мегирад. Эҳтимол меравад, ки барои Гуруҳи ихтиёриён фаъолҷавонони Маркази миллии имконоти ҷавонон ҷалб карда мешаванд, чун онҳо дар баргузории театрҳои сайёр аллакай таҷрибадор мебошанд.
Новобаста аз соҳибтаҷриба ва фаъол будани ҷавонон, ба онҳо ҳангоми интихоб сӯҳбат гузаронида шуда, ба ҳар яки онҳо бо дарназардошти ҳаҷми кор ва вазифаҳо Шартнома ба имзо расонида миешавад (Замимаи 5 Намунаи Шартнома).

Вазифаҳои ихтиёриён дар доираи Лоиҳа иборатанд аз:

- Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият;
- Ба имзо расонидани Шартномаи алоқаманд;
- Иштироки саривақтӣ дар чараёни амалисозии вазифаҳои Лоиҳа, бахусус тренинги омӯзишӣ;
- Иштироки фаъол дар таҳияи Нақшаи амалиёти Лоиҳа, барномаҳои театрӣ ва дигар ҳуҷҷату санадҳои алоқаманд;
- Аз худ кардани нақш ва баромад кардан дар барномаҳои театрӣ;
- Машқ кардан ва сайқал додани малакаҳо актёрӣ аз рӯи барномаҳои театрӣ;
- Аз худ кардани мавод оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон;
- Сафар кардан ба ноҳияҳои интихобӣ ва баромад кардан аз рӯи барномаҳои театрӣ.

**3.4. Амалисозии вазифаи 2.2.4 «Ҷалб намудани мутахассисони варзида ва омӯзонидани (омода сохтани) ихтиёриён-аткёрони ҷавон бо усулҳои гузаронидани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ, бахусус барномаҳои театрӣ»**

Барои омӯзонидани (омода сохтани) ихтиёриён-аткёрони ҷавон бо усулҳои гузаронидани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ, бахусус барномаҳои театрӣ ду нафар мутахассисони таҷрибадори соҳаи санъат ҷалб карда мешаванд. Мутахассисон тавассути ташкилоту муассисаҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ ҷалб карда мешаванд. Саравввал рӯйхати номзадон тартиб дода шуда, сипас тариқи сӯҳбат ду нафари ба талаботи Лоиҳа мувофиқаткунанда интихоб карда мешавад. Барои иҷрои кор бо тренерон Шартнома ба имзо расонида мешавад (Замимаи 6. Намунаи Шартнома).

Вазифаҳои тренерон-актерон дар доираи Лоиҳа иборатанд аз:

- Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият;
- Ба имзо расонидани Шартномаи алоқаманд;
- Таҳия ва пешниҳоди барнома оид ба омӯзиши ихтиёриён-актёрон ба малакаҳои актёрӣ дар самти муқобилият ба хариду фурӯши одамон;
- Омода сохтани (машқ додани) ихтиёриён-актёрон аз рӯи барномаҳои театрии (саҳнаҳои) марбут ба масъалаҳои мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон;
- Таҳия ва пешниҳоди нақшу ороиши либосҳои мавзӯӣ мувофиқи нақшҳои ихтиёриён-актёрони алоқаманд;

- Иштироки фаъол дар таҳияи Нақшаи амалиёти Лоиҳа, барномаҳои театрӣ ва дигар ҳуҷҷату санадҳои алоқаманд;
- Аз худ кардани мавод оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон;
- Пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи тренинги гузаронидашуда;

**3.5. Амалисозии вазифаи 2.2.5 «Баргузории Театри сайёр бо ташкили барномаҳои гуногуни маърифатӣ дар байни ҷавонон оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара»**

Мутобиқи Лоиҳа дар байни наврасон ва ҷавонони ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара Театри сайёр оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон дар мавзӯҳои «Нашъаҷалобӣ доғи ҷавонӣ», «Истисмори кӯдакон - нокомии виҷдон», «Танфурӯшӣ кафили хариду фурӯши инсон» ва «Ғуломӣ дар муҳоҷират» ташкил карда мешавад. Барои ин бо ҷалби мутахассисон барномаҳои (сенарияҳои) мувофиқ бо фарогирии тамоми масъалаҳои ҳамбаста ба хариду фурӯши одамон таҳия мегардад.

Театри сайёр дар ду марҳилаҳои зерин ташкил карда мешавад:

1. Омодагӣ – дар ин марҳила омӯзиш ва машқи ихтиёриён-актёрон ташкил карда мешавад;
2. Баргузории театр – дар ин марҳила сафарҳои эҷодии гурӯҳи ихтиёриён-актёрон ба ноҳияҳои интихобӣ, аниқтараш ба ҷамоатҳои Хонақо (Шоҳамбарӣ), Ориён, Дурбат ва Турсунзодаи ноҳияи Ҳисор, ҷамоатҳои Ромит, Чорсӯ, Симиганҷ ва Баҳори шаҳри Ваҳдат, ҷамоатҳои Гулсара Юсупова, Даҳана, Обимӯкӣ ва Ҳасан Ҳусейнови (Озодӣ) ноҳияи Ёвон ва ҷамоатҳои Себистон, Хурамзамин (Ҷартеппа), Ғарғара ва Сангтудаи, ноҳияи Данғара ташкил карда мешаванд. Дар сафари эҷодӣ гурӯҳи ихтиёриён-актёрон дар назди ҷавонони маҳал бо барномаҳои пешакӣ омодагардидаи марбут ба хариду фурӯши одамон баромад мекунанд. Ҳар як баромад ва ё барнома як соатро фаро мегирад. Ҳамчунин, дар айёми баромад бо иштирокчиён машғулиятҳои саволу ҷавоб ташкил карда мешавад.

## IV. ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДӢ

Гурӯҳҳои мқсадии бевоситаи Лоиҳаро ҷавонони 14-24 сола ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ба кори Лоиҳа ба ҳайси мутахассисон шахсони калонсол низ ҷалб мегарданд, ки онҳо теъдоди хело камро ташкил медиҳанд.

Барои як барнома ва ё дар як ҷамоат ҳудудан 150-200 нафар тамошобинон аз гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон ҷалб мегарданд, яъне дар натиҷаи намоиши барномаҳои театрӣ дар 16 ҷамоат теъдоди умумии гурӯҳҳои мақсадӣ, ки бевосита фаро гирифта мешаванд 3200 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, тибқи таҳлили умумӣ дилхоҳ шахс маълумоти гирифтаашро эҳтимоли то ба 4-5 нафар расониданро дорад, ки дар натиҷа фарогирии бавоситаи Лоиҳаро то 16000 нафар арзёбӣ кардан мумкин аст.

## V. ҲАМКОРОН

Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ячканд ташкилоту муассисаҳо амалӣ гардонида мешавад ва ҳар яки онҳо дар ҷойи худ мавқеъи хосро соҳб мебошанд. Ҳамкорон ба ду намуд, бевосита ва бавосита ҷудо мегарданд. Ҳамкорони бевосита дар амалисозии Лоиҳа масъулиятро ба душ доранд ва аз натиҷаи он ҳисоботдиҳанда низ мебошанд. Ҳамкорони бавосита ҳамчун мусоидаткунанда ва ҳамоҳангсоз баромад мекунанд.

**Ҳамкорони бевоситаи Лоиҳа:**

1. Ташкилоти ҷамъиятии «Ташаббускор»;
2. Комиссия оид ба рушди демократияи назди сафорати Иёлоти Муттахидаи Амрико дар Тоҷикистон.

**Ҳамкорони бавоситаи Лоиҳа:**

1. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Маркази миллии имконоти ҷавонон;
3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара;
4. Сохторҳои маҳаллии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои интихобӣ;
5. КВД «Маркази ҷавонони ҷ/д Дурбати ноҳияи Ҳисор»;
6. КВД «Маркази ҷавонони ноҳияи Данғара»;

7. КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»;
8. Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар ҷамоатҳои интихобии шаҳри Ваҳдат;
9. Мақомоти худидораи маҳаллии ҷамоатҳои интихобӣ;
10. Сохторҳои алоқаманди фарҳанг ва телевизион.

## VI. МЕТОДОЛОГИЯИ АМАЛИСОЗИИ ЧОРАБИНИҲО

Методологияи амалисозии чорабиниҳои Лоиҳа аз рӯи принсип ва ё барномаи омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол» сурат мегирад. Барномаи мазкур дар арсаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, хоси Тоҷикистон низ мебошад. Дар кишвар ин Барнома аз соли 2000 инҷониб амалӣ гардонида мешавад ва таҷрибаи зиёд низ андухта шудааст. Аз ин рӯ, усулҳои баргузории чорабиниҳо, бахусус ташкили барномаҳои театрӣ аз руӣ принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» сурат мегирад.

## VII. НАТИҶАИ НИҲОӢ

Новобаста аз он ки Лоиҳа имконият хурд дошта бошад ҳам, вале татбиқи самараноки он натиҷаи хело пурмаҳсул меорад.
Натиҷаи муҳими Лоиҳа дар он аст, ки то имрӯз чунин навъи чорабиниҳо, бахусус дар самти муқобилият ба хариду фурӯши одамон гузаронида нашудааст ва он якумин маротиба аст ва бо истифода аз таҷрибаҳои андухта дар шароити ҷомеаи муосир ташкил мегардад.
Яке аз натиҷаи хусусияти стратегӣ ва системавӣ доштаи Лоиҳа, ин таҳия ва роҳандозӣ гардидани модели таъмини иттилооти сифатнок дар мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон, яъне Модели Театри сайёр мебошад, ки он аз рӯи барномаи омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол» амалӣ мегардад.
Натиҷаҳои ниҳоии Лоиҳа чунинанд:
1. Таҳия ва барои истифодаи омма пешниҳод гардидани модели таъмини иттилооти сифатнок дар мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон, Модели Театри сайёр аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол»;
2. Омода гардидани гурӯҳи ихтиёриён-актиёрони ҷавон дар самти мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон;

3. Омода гардидани чор барномаҳои (саҳнаҳои) театрӣ оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон дар байни аҳолӣ ва ҷавонон;
4. Баланд гардидани сатҳи маълумотнокии 3200 наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон;
5. Иттилоотнок гардидани 16000 шаҳрвандон, бахусус ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон;

## VIII. ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА

Дар поён қисматҳои зерини Лоиҳа, ки самаранокии татбиқи онро таъмин менамоянд замима мегарданд:

Замимаи 1. Нақшаи амалиёти баргузории Театри сайёр оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон

Замимаи 2. Рӯйхати масъулон оид ба татбиқи Лоиҳа

Замимаи 3. Барномаҳои (сенарияҳои) Театри сайёр

Замимаи 4. Барномаи (модули) таълимӣ оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон барои маълумоти масъулон ва мутахассисони алоқаманд

Замимаи 5. Намунаи Шартнома бо ихтиёриён-актерони ҷавон

Замимаи 6. Намунаи Шартнома бо тренерон-актерон (мутахассисони соҳаи санъат)

Замимаи 1.

**Нақшаи амалиёти баргузории Театри сайёр оид ба мубориза**
**ба муқобили хариду фурӯши одамон дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара**

| № | Чорабини | Мухлат (2013) | | | | Макон | Масъулон | Хамохнгсозон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | | | |
| | **Ташаккули заминаи методию меъёри** | | | | | | | |
| 1 | Чалби ду машваратчи ва тахияи Барномаи амалиёти театри сайёр ва модул барои омодасозии ихтиёриён -актерен | | | | | | | |
| 2 | Нусхабардории Барномаи амалиёти театри сайёр ва модул барои омодасозии ихтиёриён-актерен | | | | | | | |
| | **Омодасозии ихтиёриён-актерен** | | | | | | | |
| 3 | Чалби ду нафар тренерон-актерони касби барои баргузории тренинг | | | | | | | |
| 4 | Эълон ва чалби чавонони (10 нафар) фаъол аз хисоби собикадорон ва ё донишчуени сохаи санъат ба сифати ихтиериен-актерон | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Дастрасии маводи дафтардорӣ барои иштирокиён ва тренинг | | | | | | | |
| 6 | Баргузории тренинг барои омодасозии ихтиёриён-актерен | | 10-14.09 | | | | | |
| | **Омодаги барои баргузории брномахои театри** | | | | | | | |
| 7 | Дастрасии маводи алокаманд барои омодасозии декоратсия | | | | | | | |
| 8 | Чалби ду мутахассисон оид ба духтани либосхо ва ороиши сахнаи барномахои театри | | | | | | | |
| 9 | Мувофика намудани Накшаи ташкили театри сайёр бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати дар нохияхои Хисор, Вахдат, Дангара ва Ёвон | | | | | | | |
| | **Баргузории театрхои сайёр** | | | | | | | |
| 11 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Хонакои (Шохамбарии) нохияи Хисор | | | 01.окт | | | | |
| 12 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Ориёни | | | 01.окт | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | нохияи Хисор | | | | | | | |
| 13 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Дурбати нохияи Хисор | | | 02.окт | | | | |
| 14 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Турсунзодаи нохияи Хисор | | | 02.окт | | | | |
| 15 | Баргузории театри сайёр дар чаомати Ромити шахри Вахдат | | | 03.окт | | | | |
| 16 | Баргузории театри сайёр дар чаомати Чорсуи шахри Вахдат | | | 03.окт | | | | |
| 17 | Баргузории театри сайёр дар чаомати Симиганчи шахри Вахдат | | | 04.окт | | | | |
| 18 | Баргузории театри сайёр дар чаомати Бахори шахри Вахдат | | | 04.окт | | | | |
| 19 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Себистони нохияи Дангара | | | 08.окт | | | | |
| 20 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Хурамзамини (Ҷартеппа) нохияи Дангара | | | 08.окт | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Гаргараи нохияи Дангара | | | 09.окт | | | | |
| 22 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Сангтудаи нохияи Дангара | | | 09.окт | | | | |
| 23 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Гулсара Юсуповаи нохияи Ёвон | | | 11.окт | | | | |
| 24 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Даханаи нохияи Ёвон | | | 11.окт | | | | |
| 25 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Обимукии нохияи Ёвон | | | 12.окт | | | | |
| 26 | Баргузории театри сайёр дар чамоати Ҳасан Ҳусейнови (Озодӣ) нохияи Ёвон | | | 12.окт | | | | |
| 27 | Чамъбасти барномахои театрии сайёр ва омодасозии хисоботи муфассал | | | | | | | |

Замимаи 2.

# РӮЙХАТИ МАСЪУЛОН
## оид ба татбиқи Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон тавассути ташкили барномаҳои театрӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Ёвон ва Данғара

Ҳайати Идорӣ

1.
2.
3.

Ҳайати ихтиёриён
1.
2.
3.
4.
5.
6.
7.

МКА

Замимаи 3.

## Барномаҳои (сенарияҳои) Театри сайёр

### САҲНАИ 1.

МАВЗӮЪ: НАШЪАЧАЛОБӢ ДОҒИ ҶАВОНӢ

Оилаи оддӣ, дар деҳот қисми наздисарҳадии кишвар зиндагӣ мекунанд. Дар оила 4 нафаранд – падар, модар, писар ва духтар. Падар дар хоҷагии деҳқонӣ кор намуда, модар хонашин аст. Писар (Фотеҳ) 21 сола буда дар омӯзишгоҳи касбию техники дар маркази ноҳия воқебуда таҳсил мекунад. Духтар (Суман) 17 сола буда, дар синфи болоии мактаби таҳсилотии умумии деҳот таҳсил менамояд.
Писар дар баробари таҳсил тавассути яке аз ҳамсабақони худ бо як гурӯҳ нашъаҷалобон дӯстӣ пайдо мекунад. Рӯзе дар гуруҳ яке аз дӯстон ба Фотеҳ кашидани нашъа пешниҳод мекунад, саравлал Фотеҳ худдорӣ менамояд, сипас бо таҳдидҳои зиёд розӣ мешавад ва нашъа мекашад. Ин муносибат як моҳ давом мекунад, ки дар ин мӯҳлат Фотеҳ ба нашъа вобастагӣ пайдо мекунад. Рӯзе мавриди талабидани нашъа дархости ӯро рад мекунанд ва мегӯянд, ки агар хоҳиши нашъа зиёд доштан бошӣ ва ҳамчунин маблағи зиёд доштан бошӣ, пас ҳамроҳи мо ба нашъаҷалобӣ машғул шав.
Ҳамин тариқ, бо баҳонаи таҳсил Фотеҳ бо ҳамроҳии гурӯҳ ба сарҳади Афғонистон мегузарад. Ҳамроҳони ӯ бо маблағҳои зиёд миқдори муайяни нашъа харидорӣ мекунанд, вале бинобар надоштани маблағ Фотеҳ наметавонад, ки нашъа харад. Сипас, ҳамроҳон ба Фотеҳ бар ивази ба гарав гузоштани хоҳари худ Суман харидани нашъаро тавися медиҳанд. Фурушандагон ин таклифро шунида, онро дарҳол ҷонибдорӣ менамоянд, чун аз аҳли оилаи Фотеҳ ва хоҳари қадрас доштани хабардор буданд. Фотеҳ низ ба ин додугирифт розӣ шуда, ваъда медиҳад, ки дар мухлати то як моҳ маблағи амонатиро бар мегардонад.
Дар воқеъ оилаи Фотеҳ ва аз ҷумла хоҳари ӯ аз ин рафтори номатлуби ӯ бехабар буданд ва фикр мекарданд, ки писари онҳо таҳсил дорад.
Ҳамин тариқ, рӯз ва рӯз сару либоси Фотеҳ нав шудан мегирад ва рӯзе автомобил низ харидорӣ менамояд.

Аз ин рафтори ногаҳонии Фотеҳ хавотир шуда, падару модар аз ӯ ёфтани ин қадар маблағи зиёдро пурсон мешаванд, ки дар посух Фотеҳ кушодани фаъолияти соҳибкориро бо ҳамсинфон маънидод менамояд.
Ҳамин тариқ рӯзҳо мегузарад, миқдори нашъа кам мешавад, вале маблағи амонатӣ ҷамъ намегардад. Ҳарчанд мошини харидаашро мефурушад, вале маблағро дар мӯҳлати муқарраргардида ҷамъоварӣ карда наметавонад.
Шабе дар хона бо аҳли оила нишастаанд, ки ногаҳон ба хона панҷ нафар шахсони бегона ворид мешаванд ва ба Фотеҳ оид ба паймони бастаашонро хотиррасон менамоянд. Сипас, хоҳарашро зуран ба гарав мебаранд ва таъкид мекунанд, ки агар дар мӯҳлати ду рӯз маблағи амонатиро баргардонад, пас духтарро метавонад бозпас гиранд, в-агар на Суманро дигар намебинанд.
Новобаста кушишу талошҳои зиёди Фотеҳ ва падару модараш, ӯ маблаги заруриро дарёфт карда наметавонад ва Суман дар ғуломӣ боқӣ мемонад.

**САҲНАИ 2.**

<u>МАВЗӮЪ</u>: ИСТИСМОРИ КӮДАКОН - НОКОМИИ ВИҶДОН

Оилаи ҷавон панҷ сол аст, ки зинадгӣ доранд ва новобаста аз табобатҳои зиёд фарзанд намеёбанд. Шавҳар (Хуршед) дар беморхонаи маҳаллӣ ба сифати духтур кор мекунад, зан бошад, дар мактаби маҳалла муаллима мебошад.
Рӯзе рафиқи Хуршед, ки аз мушкилоти оилавии онҳо бохабар буд, ба Хуршед фарзандхондиро пешниҳод менамояд ва огоҳ мекунад, ки қариб ҳар ҳафта нафаре аз фарзанди худ даст мекашад ва ӯро ба хонаи кӯдакон медиҳанд. Хуршед ин пешниҳодро бо завҷааш мувофиқа намуда, ба фарзандхондӣ розӣ мешаванд.
Ҳамин тариқ, як рӯз дар таваллудхона зане аз фарзанди худ безорӣ меҷӯяд ва мегӯяд, ки «Ман имкони нигоҳубини ӯро надорам, касе каме маблағ диҳад, фарзандамро ба ӯ мефурушам». Кӯдакро аз имконияти мансабӣ истифода бурда, Хуршед мехарад ва ба хона мебарад. Ба ин ҳолат, ҳамкасбони Хуршед низ бетарафӣ зоҳир намекунанд ва имкон медиҳанд, ки Хуршед фарзанддор шавад. Завҷааш шодӣ мекунад ва ҳуҷҷатгузорӣ кардани фарзандро талаб мекунад, ки дар посух Хуршед беҳуҷҷат будани ӯро тасдиқ мекунад.

Сол сипарӣ мегардад ва рӯзе модари аслӣ ба суроғи фарзанди фурӯхта мебарояд, вале аз фарзанди безорӣ ҷустаи худ ному нишоне дар намеёбад. Дарҳол ба таваллудхона муроҷиат менамояд, ки дар инҷо низ комеб намегардад ва ҳатто аз духтурон суханони қабеҳ мешунавад. Сипас модар ба прокуратура муроҷиат мекунад, ки аз фарзанди фурухтаи худ пушаймон шудааст, вале фарзандашро дар ҳеҷ куҷо намеёбад.

Мутобиқи даъвои модар прокуратура парвандаи ҷиноӣ оғоз намуда, модар, Хуршед ва ҳамдастони ӯро ба ҳабс мегирад ва фарзандро ба хонаи кӯдакон месупорад.

Завҷаи Хуршед дар танҳоӣ аз вайрон кардани қонун пушаймонӣ мекашад.

**САҲНАИ 3.**

<u>МАВЗӮЪ</u>: ТАНФУРӮШӢ КАФИЛИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ИНСОН

Духтаре (Нигина) аз оилаи камбизоате аз ноҳияи кӯҳистон барои таҳсил ба шаҳр меояд ва барои даёрфти маблағ ба ҷустуҷӯи кор мебарояд, то ин ки дар вақтҳои холигӣ аз дарс ба кор машғул шавад мушкилоти иқтисодии худро бартараф кунад.

Рӯзе ин майли худро ба ҳамҳуҷраи худ (Зуҳро), ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекарданд мегӯяд. Зуҳро дар посух мегӯяд: «Ман ба ту кор меёбам, вале шабона». Ба ин пешниҳод Нигина розӣ мешавад ва чигуна кор будан мепурсад ва посух «Шаб шавад, мебинӣ» мешунавад.

Ҳамин тариқ, бегонгоҳ Зуҳро либоси нибараҳна ба бар карда Нигинаро барои шинос кардан ба кори шабонгоҳӣ, яъне ташфурушӣ мебарад. Нигина аз воқеият хабардор шуда, дарҳол ин шуғлро рад мекунад, вале Зуҳро ӯро аз даромади муфт ба даст овардан розӣ мекунонад ва Нигина танфурӯрш мегардад. Ин ҳолат шаш моҳ давом мекунад.

Шабе Нигина мавриди дар кӯча будан шахсеро вомехӯрад, ки ӯ ба Нигина хонаободӣ пешниҳод менамояд. Ин шахс (Зокир) зоҳиран хело сарватманд метобид ва суханони меҳрубононаи ӯ Нигинаро моил мекунад. Аз ҳамон рӯз иборат Нигина аз танфурӯшӣ даст мекашад ва бо Зокир унс мегирад. Баъди ду моҳи шиносоӣ Зокир ба хориҷа, аз ҷумла Дубай сайру сайёҳат карданро ба Нигина пешниҳод менамояд ва Нигина бо камоли майл онро қабул менамояд.

Зокир тамоми ҳуҷҷати алоқамандро барои Нигина ва худаш омода мекунад, чипта мехарад ва якҷо ба Дубай парвоз мекунанд. Ҳангоми ба яке аз меҳмонхонаҳо даромадан Зокир шиносномаи Нигинаро талаб мекунад, то расмиёти бақайдгириро анҷом диҳад ва Нигинаро дар меҳмонхона гузошта ғайб мезанад. Ними шаб аст, ки дар куфта мешавад, аз хурсандӣ Нигина худдорӣ накарда, дарро боз мекунад ва дар доми одамҷалобон меафтад. Одамҷаллобон бинобар сабаби шиноснома надоштан, ӯро ба ҷойи дигаре мебаранд ва мегӯянд, ки барои зиндагӣ кардан ӯро зарур аст, танфурӯшӣ кунад.
Ҳамин тариқ, Нигина дар ғуломӣ ва истисмор барои танфурӯшӣ боқӣ мемонад ва аз Зокир дигар ному нишоне намешунавад.

**САҲНАИ 4.**

<u>МАВЗӮЪ</u>: ҒУЛОМӢ ДАР МУҲОҶИРАТ

Оила иборат аз 10 нафар, падар, модар, ду духтар ва шаш писар бинобар сабаби бисёрӣ зиндагии қашоқона доранд. Маблағи ёфтаи падар аз деҳқонӣ ба хӯрока мерасаду халос. Ҳамаи фарзандон ба балоғат расидаанду, вале бекоранд. Духтарон низ бинобар сабаби монеагии падар ва бародарон маълумоти касби надоранд ва бекоранд.
Рӯзе аз рафиқон шунида ду писар (Рустам ва Ҷамшед), ки акнун маълумоти асосиро гирифтаанд аз давом додани таҳсил худдорӣ карда, барои сафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия майл мекунанд. Барои ҷустуҷӯи кор ба субъектҳои хоҷагидор муроҷиат мекунанд, вале бинобар сабаби надоштани касб ва надонистани забони русӣ ҷойи кори мувофиқро дарёфт карда наметавонанд.
Сипас рӯ ба мардикорӣ мениҳанд ва дар мардикорбозор нафареро (Ҷовид) вомехӯранд, ки ба онҳо ҷойи кор бо моҳнаи хуб, манзил, ҳатто хардани чиптаро ва пешпардохти моҳи аввали кориро ваъда медиҳад. Ин таклифро бародарон қабул карда, бо ҳамроҳии Ҷовид ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд. Мавриди ба ҷойи корӣ расидан Ҷовид шиносномаҳои онҳро барои ба қайд гузоштан талаб мекунад.
Ҳамин тавр бародарон ба кор шурӯъ мекунанд ва Ҷовид ҳам рӯзе як маротиба аз ҳоли онҳо хабардор шуда меистад. Ҳафта сипарӣ мешавад, вале манзилу пешпардохти ваъдагӣ иҷро намегардад. Рӯзе аз ин ваъдагиҳо ва бар гардонидани шиносномаҳо бародарон пурсон мешаванд, вале дар ҷавоб Ҷовид онҳоро ба қарздор будан аз маблағи

чипта ва ҳурокаи ҳаррӯза таҳдид менамояд ва таъкид низ мекунад, ки ҷуброн накардани хароҷотҳо ба онҳо озодӣ дода намешавад.
Ҳамин тариқ, баъди як моҳи фаъолият Ҷовид бо шиносномаҳо ғайб мезанад ва бародарон чун забонро намедонистанд ва шиноснома низ надоштанд дар ғуломӣ боқӣ мемонанд ва аз зудбоварию камсаводии хеш пушаймонӣ мекунанд.

MKA

Замимаи 4.

## Барномаи (модули) таълимӣ оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон барои маълумоти масъулон ва мутахассисони алоқаманд

**Мафҳуми хариду фурӯши одам.**

**Хариду фурӯши одам** - шакли муосири ғуломдорӣ буда, ба поймолкунии бераҳмонаи ҳуқуқи инсон оварда мерасонад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ зуҳуроти хариду фурӯши одамон бештар бо мафҳуми «траффик» (аз калимаи англисии traffick – савдо) маъмул аст. Дар ҷиноятҳои хариду фурӯши одамон, одам – ба объекти идоракунӣ ва савдо табдил меёбад ва нисбат ба ӯ, чун ба ашё, ҳуқуқи соҳибмулкӣ татбиқ мегардад.

**Одамҷаллобон кистанд?** Одамҷаллобон шахсони алоҳида ва ё гурӯҳи шахсон мебошанд, ки бо мақсади ба даст овардани фоида одамро зери истисмор қарор медиҳанд ва озодии ӯро ба объекти хариду фурӯш табдил медиҳанд.

**Ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон кистанд?** Ҷабрдидагони хариду фурӯш, шахсоне мебошанд, ки аз тарафи одамҷаллобон баҳри ба даст овардани фоида истисмор карда мешаванд. Ҷабрдидагон метавонанд шахсони алоҳида ва ё гурӯҳи шахсон, кӯдакону наврасон, калонсолону пиронсолон, занҳову мардҳо, шахсони солиму маъюб, маълумотдошта ва бемаълумот бошанд.

**Сабабҳои хариду фурӯши одамон:**

- камбизоатӣ;
- бекорӣ;
- нобаробарии гендерӣ;
- болоравии теъдоди оилаҳои носолим;
- сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ;
- тафовути калони давлатҳо дар сатҳи инкишоф.

Тибқи маълумоти Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират сол аз сол теъдоди шахсоне, ки ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон шудаанд, меафзояд.

Мамлакатҳо вобаста ба муносибат ба проблемаи хариду фурӯш ва кӯшишҳои ҳукумат ба 3 гӯрӯҳ таксим мешаванд:

**Гурӯҳи I** – мамлакатҳое, ки ба ин масъала диққати ниҳоят муҳим медиҳанд ва баҳри ҳалли он имкониятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва

ташкилоту муассисаҳои давлатӣ муттаҳид карда шудаанд ва қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои хариду фурӯши одам пешбинӣ мекунанд, қабул карда шудаанд. Мисол ИМА ва Швеция.

**Гурӯҳи II** - мамлакатҳое, ки аллакай проблемаи хариду фурӯши инсонро дарк мекунанд, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ дар ин самт фаъолият карда истодаанд, вале кӯшишҳои онҳо бе ҳамоҳангсозӣ бо якдигар амалӣ карда мешаванд. Мисол Украина.

**Гурӯҳи III**- мамлакатҳое, ки ин проблемаро ҳоло ба пуррагӣ дарк накардаанд ва ё нав ба дарки он шурӯъ карда истодаанд. Чун қоида мамлакатхои мутаалиқи гурӯҳи зерин қонунгузории мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамонро надоранд.

Баъзе давлатҳо дар зинаи гузариш аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар қарор доранд.

Аввалин маротиба ба падидаи хариду фурӯши одамон дар охири асри XIX диққат зоҳир намуданд ва маҳз аз ҳамон вақт ташаккули пойдевори қонунгузории мубориза бо хариду фурӯши одамон оғоз гардидиааст

- Соли 1899, Лондон, Резолюцияи конфронси байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши занон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ;
- Солҳои 1904, 1910. Созишномаҳои байналмилалӣ дар бораи ҳамкорӣ дар масоили муқобилият ба хариду фурӯши одамон;
- Солҳои 1921 ва 1933, Конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба масоили хариду фурӯши одамон;
- Соли 1949, Конвенсияи Ассамблеяи Генералии СММ «Оид ба мубориза бо фурӯши одамон ва истифодаи фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм»;
- Соли 1979, Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати зан»;
- Соли 1995, Платформаи амалиётҳои Пекин;
- Соли 1997, Декларатсияи тавсияҳои аврупоии Гаага «Оид ба муқобилият ва мубориза бо хариду фурӯши занон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ»Соли 2000 Конвенсияи СММ «Зидди ҷиноятҳкории муташаккили трансмиллӣ», ва Протоколҳои иловагӣ ба он «Оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он» ва Протокол «Зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, бахр ва ҳаво».

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ва маъмули мубориза бо хариду фурӯши одам протокол ба «Конвенсияи зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ», «Оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он», ки соли 2000 дар шаҳри Палермои Италия қабул шудааст, мебошад. Протоколи зикргардида дар таҷрибаи байналмилалӣ чун Протоколи Палермо маъмул аст.

Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи мазкурро 29 маи с. 2002 имзо кардааст.

Баъд аз ба имзо расонидани Протоколи Палермо, соли 2003 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри омӯзиш ва пешгирии масоили хариду фурӯши одамон гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи кории мазкур бо мақсади муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкили низоми мубориза бо хариду фурӯши одамон ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии ҷабрдидагони ин зухурот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» таҳия намуд, ки он 15 июли соли 2004 қабул карда шуд.

4 январи соли 2005, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон таъсис дода шуд.

Дар Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» мафҳуми хариду фурӯши одам дар таҳрири зерин омадааст:

**Хариду фурӯши одамон** - бо мақсади сӯиистифода ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо роҳи таҳдиди зӯрӣ ё истифодаи он ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллоби, фиреб, сӯистифодаи мансаб ё ҳолати заифӣ ё бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад.

Қонун «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» 22 номгӯи ҷиноятҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон вобаста кардааст.

- 122 - Маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани инсон барои трансплантатсия;
- 130 - Одамрабоӣ;
- 130.(прим)1 - Хариду фурӯши одамон;
- 131 - Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ;
- 132 - Ҷалби одамон барои истисмор;
- 134 - Маҷбуркунӣ;
- 138 - Таҷовуз ба номус;
- 139 - Кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ;
- 140 - Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ;
- 141 - Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст;
- 142- Ҳаракати бадахлоқона;
- 149 - Ғайриқонуни маҳдуд кардани тағйири макон, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳури кардан ва бозгаштани шаҳрванд ба он;
- 167 - Хариду фурӯши ноболиғон;
- 171 - Иваз намудани тифл;

- 172 - Писархондии (духтархондии) ғайриқонунӣ;
- 238 - Ба фоҳишагӣ ҷалб намудан;
- 239 - Ташкил ё нигоҳ доштани фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷаллобӣ;
- 335 - Ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 336 - Вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ;
- 339 - Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр;
- 340 - Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбаки;
- 401 - Зархаридӣ.

**Розигӣ**

*Оё шахсе, ки ихтиёрӣ барои иҷрои кор ё фаъолияте розигии худро додааст метавонад чун ҷабрдидаи хариду фурӯш эътироф гардад?*

Бале, дар сурате, ки агар розигии шахс бо истифода аз таҳдид, истифодаи қувва ва дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯистифода аз мансаб ё ҳолати заифӣ, ба даст оварда шуда бошад, чунин розигӣ ба инобат гирифта намешавад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки розигӣ метавонад аз тарафи шахс дар ҳоле дода шуда бошад, ки ӯ тамоми маълумотро оиди кори дар пеш истода намедонист. Гарчанде муносибатҳои меҳнатӣ бо розигии тарафҳо оғоз гардида бошанд ҳам шахс бояд ҳуқуқи худро оид ба интихоби озодонаи шуғл бемамоният амалӣ карда тавонад, яъне надоштани имконияти иваз намудани ҷои кор, ҳарчанд, ки корманд ихтиёрӣ барои иҷрои он розигӣ дода бошад, аз маҷбурсозӣ ва истисмор шаҳодат медиҳад.

**Розигии кӯдакон**

Кӯдакон яъне шахсоне, ки ба 18 нарасидаанд новобаста аз мавҷудияти розигӣ аз тарафи онҳо, онҳо ҳамеша ҷабрдидаи хариду фурӯш эътироф карда мешавад. Ба таври дигар ҳар вақте, ки кӯдак бо мақсади истисмор объекти ҷалб ва ё интиқол мешавад ва гарчанде нисбати ӯ маҷбурсозӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯистифодаи қудрат татбиқ нагардида бошад ҳам, ӯ ҷабрдидаи хариду фурӯш эътироф карда мешавад.

Тибқи Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди ҷиноятҳои мутташакили трансмиллӣ «Оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он» хариду фурӯш аз 3 ҷузъ иборат аст: ҳаракат, восита, мақсад.

I. **Ҳаракат:** ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳон намудан, гирифтан (қабул намудан);

II. **Восита:** асорати қарзӣ, ҳиллаву найранг (шантаж), маҷбурӣ, таҳдид, зӯроварӣ;

III. **Мақсад:** истисмор (фоида овардан аз маҳсули дасти касе).

## I. ҲАРАКАТ

**1. Ҷалб.** Ҷалб бо мақсади маҷбурсозӣ ва истисмор содир карда мешавад. Хусусияти хоси чунин ҷалбкунӣ фиреб ва сӯистифодаи боварӣ мебошад. Зарур нест, ки шахс дар ҳудуди давлати худ объекти ҷалбкунӣ гардад, ӯ метавонад берун аз ватан, ҳангоми дар давлати хориҷӣ қарор доштанаш низ объекти ҷалбкунӣ гардад. Кори асосиро оид ба ҷалб кардани одамон ҷалбкунандагон иҷро менамоянд. Ҷалбкунандагон метавонанд шахсони воқеӣ, хадамотҳои алоҳида ва корхонаҳои кордиҳанда бошанд. Баъзан чунин ҳам мешавад, ки ҷалбкунандагон ба кадом самт истисмор шудани ҷалбшавандаро намедонанд, чунки онҳо танҳо супориши ҷалб карданро ба ҷо меоранд. Ҳангоми ҷалб кардан ҷалбкунандагон кореро, ки барои иҷрои он шахсро ба хориҷа даъват карда истодаанд ба таври умумӣ шарҳ медиҳанд. Мисол «Корманд барои пешбурди кори хона».

**Вазифаи ҷалбкунандагон:**

- паҳн намудани эълонҳо;
- интихоб ва ё ҷудо кардани номзадҳо;
- бовар кунондани шахс барои ба хориҷи кишвар рафтан;
- дар баъзеи мавридҳо ба дасти харидор шахси ҷалбкардашударо (қурбонии эҳтимолии хариду фурӯши одам) супоридан;
- омода намудани сипоснома, раводид ва чипта барои сафар ба хориҷа.

Одатан ҷалбкунандагон симои ҷинояткоронро надоранд ва ҳамчун шахсони муқаррарӣ амал ва ё рафтор менамоянд. Онҳо метавонанд дар шахсиятҳои зерин баромад намоянд:

- **Ҳамсояҳо, хешу табор, дӯсту дугонаҳо ва шиносон.** Ин гурӯҳи ҷалбкунандагон аз муносибатҳои дустона ва хешу таборӣ сӯистифода бурда, ба ҷалбшавандагон дар бораи кори «олиҷаноб», маълумоти бардурӯғ пешкаш мекунад ва дӯстону наздикони худро ба сафар ба давлати хориҷ моил месозанд, ва онҳо дар навбати худ ба доми одамҷаллобон меафтанд. *Мисоли дигари ин тарзи ҷалбкунӣ метавонад шинос ва ҳамсояе бошад, ки гӯё духтараш ба шаҳрванди хориҷӣ ба шавҳар баромада бошад ва зиндагии хуб дорад ва мехоҳад ба дустонаш ҳам кӯмак кунад, ки духтарони онҳо низ ба хориҷа сафар кунанд ва соҳиби бахти худ гарданд.*
- **Ҷавонмардони «ошиқ».** Ин гурӯҳи ҷалбкунандагон духтаронро бо рафтори хаёлбофӣ (романтикӣ) ба худ моил карда, онҳоро барои сайру саёҳат ва ё кор кардан ба сафари хориҷа таклиф мекунанд ва духтарон, ки дар роҳи ишқу ошиқӣ роҳгум задаанд ба ҳолатҳои алоҳида аҳамият надода, ба доми одамҷаллобон меафтанд.
- **Тамаъҷуён (вымогатели).** Ин гурӯҳӣ ҷалбкунандагон ҷабрдидагони худро бо роҳи ҳиллаву найранг бо таҳдиди бадном кардан, паҳн кардани маълумоти махфӣ ва ё беобурӯ кардан ба доми

худ мекашанд. *Мисол, ҷавондухтареро, барои нӯшидани қаҳва ба каҳвахона даъват мекунанд ва ба қаҳваи ӯ машруботи спиртӣ ва ё моддаи мадҳушкунанда илова мекунанд. Баъд аз истеъмоли ин нӯшокӣ ҷавондухтар масту мадҳуш мегардад ва ҷалбкунанда аз ин ҳолат сӯистифода намуда, бо ӯ дар муносибатҳои шаҳвонӣ қарор мегирад. Ин ҳолатро дар аксбардор ва ё дигар маводи сабткунанда сабт мекунад ва бо таҳдиди паҳн кардани ин мавод ҷавондухтарро водор месозад, ки аз ҷалбкунандагон вобаста бошанд?.*

- **Миёнаравони акди никоҳи қалбакӣ**. Ин гурӯҳи одамҷаллобон бо баҳонаи шиносоӣ ва вохӯрӣ бо номзади эҳтимолӣ шахсро ба сафари хориҷа моил месозанд;
- **Ҷалбкунандагонӣ касбӣ**. Ин гӯруҳи ҷалбкунандагон аз ҳайати шахсоне, ки ин корро ҳамчун касб ихтиёр кардаанд ва барои ҷалб кардани одамон музди муайян мегиранд иборат аст. Баъзан шахсоне, ки худ замоне ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон шуда буданд ва баҳри раҳоӣ аз дасти одамҷаллобон худ ба ҷалбкунӣ даст задаанд ба ин гурӯҳ шомил мегарданд.

**Шахсоне, ки дар гурӯҳи хатари ҷабрдидаи хариду фурӯш шудан қарор доранд.**

Хатари ҷабрдидаи хариду фурӯш шудан бештар ба занон ва кӯдакон таҳдид мекунад. Эҳтимолияти ҷалб гардидани гурӯҳҳои зерини занон нисбатан зиёдтар аст:

- занони ҷавон;
- заноне, ки дараҷаи начандон баланди маърифат доранд;
- занони серфарзанд;
- модарони танҳо;
- заноне, ки гирифтори зӯроварии хонаводагӣ ва ё аъзои оилаи носолим ҳастанд;
- заноне, ки бо фоҳишагӣ машғуланд;
- заноне, ки дар соҳаҳои фароғатию дилхушӣ фаъолият мекунанд;
- заноне, ки ҷои кор ва даромади мӯътадил надоранд;
- заноне, ки мақсади ба хориҷа рафтанро доранд;
- заноне, ки ба хадамоти никоҳӣ бо мақсади барпо кардани оила муроҷиат мекунанд.

**Кӯдакони зерин нисбатан бештар ба хариду фурӯш ҷалб карда мешаванд:**

- кӯдакони оилаҳои носолим;
- кӯдаконе, ки дар хонаҳои бачагон ба воя расидаанд;
- кӯдакони беназоратмонда ва кӯдакони кӯча;

## РОҲҲОИ МАЪМУЛТАРИНИ ҶАЛБКУНӢ

*i)* **Эълонҳо дар кӯчаву хиёбонҳо, матбуоти даврӣ ва интернет.** Эълони намунавӣ метавонад дар чунин шакл бошад. *«Фаврӣ. Кори калонмузд ваояндадор барои духтарони зебосурат (калимаи «ҷавон» ё ибораи «духтарони то синни 30 сола» масъалан илова кунед хуб мешавад) дар хориҷа. Кор дар соҳаи хизматрасонӣ. Донистани забонҳо ҳатми нест. Корхона ҳамаи хароҷотҳои роҳ ва ҳароҷотҳои барасмиятдарории раводидро ба ӯҳдаи худ мегирад. Рақамҳои телефонӣ барои тамос XX XXXX XXX (мобили)».*

Кадом ҷузъҳои ин эълон бояд боиси нигаронии шахс гарданд ва ба чӣ аҳамият бояд дод?

- ✓ фаврӣ будани корӣ пешниҳодшаванда;
- ✓ дар эълон суроғаи корхона, рақамҳои телефони корхона дарҷ нагардидаанд, балки танҳо телефони мобилӣ сабт шудааст;
- ✓ ҳангоми суҳбат ба ҳамаи саволҳо посухи мусбӣ медиҳанд;
- ✓ ба ӯҳдаи корхона будани хароҷотҳои роҳ ва ҳароҷотҳои барасмиятдарории раводид ва ё ҳуҷҷатҳои дигар низ бояд боиси ҳушёрии иловагии шахс бошад;
- ✓ дар эълон талабот нисбати тахассус, малака ва донистани забонҳо дарҷ нагардидааст, вале талабот нисбати симову сурат дарҷ гардидааст.

ii) **Ҷалби одамон бо истифода аз чорабиниҳои оммавӣ ба монанди озмунҳои зебоӣ ва ё озмунҳои сурат**. Ин тарзи ҷалбкунӣ низ бо роҳи дар матбуот ва ё интернет эълон намудани озмунҳо ва ё кастингҳо амалӣ мегардад. Ҷабрдидагони чунин намуди ҷалбкунӣ бештар духтарони зебо ва ҷавон мешаванд, ки бо ваъдаи модел шудан ба хориҷа бурда мешаванд.

iii) **Ҷалби одамон бо истифода аз оҷонсиҳои никоҳ, ва ё бо воситаи издивоҷ бо шаҳрвандани хориҷӣ.** Ҷабрдидагони ин усули ҷалбсозӣ бештар занону духтарони ҷавон мешаванд, ки бо мақсади барпо кардани оила бо шаҳрванди давлати хориҷӣ ба хориҷа сафар мекунанд ва ҷабрдидаи одамҷаллобон мегарданд.

iv) **Ҷалби одамон бо воситаи корхонаҳое, ки бо кортаъминкунӣ ва сафарбар намудани одамон барои кор дар хориҷа машғуланд.** Ҷабрдидагони чунин намуди ҷалбсозӣ шахсони қобили меҳнат мешаванд, ки бо мақсади кор кардан ба хориҷи кишвар мераванд.

v) **Ҷалби одамон бо роҳи найранг (шантаж)**. Шахси ҷалбкунанда дар бораи шахси ҷалбшаванда маълумоте дорад, ки метавонад ба номи неки ӯ зиён расонад.

vi) **Ҷалби одамон бо роҳи дуздидани онҳо**.

## 2. ИНТИҚОЛ

Дар раванди хариду фурӯши одамон, интиқол яке аз зинаҳои муҳим аст. Баъд аз ҷалб кардани объекти хариду фурӯш дар назди одамҷаллобон вазифаи ба маҳалли лозима интиқол додан меистад.

Одамҷаллобон барои интиқол додани одамон аз роҳҳои қонунӣ ва ғайриқонунии убури сарҳад истифода мекунанд. Аксар вақт убури сарҳадҳо ба таврӣ қонунӣ сурат мегиранд ва танҳо дар мавридҳои алоҳида одамҷаллобон одамонро дар бормонакҳои мошинҳо, бомҳои қаторахо ва дигар ҷойҳо пинҳон карда интиқол медиҳанд.

**3. СУПОРИДАН**

Ҳангоми расидан ба мамлакати таъинот одамҷаллобон одамро ба харидор месупоранд. Баъзан вақт ҳангоми супоридани шахс ҳама гуна ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо дар назди худи шахс иҷро карда мешаванд, ва маҳз дар ҳамин зина шахс аз фурӯхта шудани худ ниҳоят хабардор мешавад.

**4. ПИНҲОН НАМУДАН**

Дар ҳоле, ки одамҷаллобон аллакай одамро ба мамлакати таъинотӣ интиқол додаанд ӯ то супорида шудан ба харидор ва инчунин баъд аз қабул шудан низ пинҳон карда мешавад, то ин, ки ӯ фирор накунад (нагурезад) ё ин ки ба зери тавaҷҷӯҳи мақомоти дахлдор наафтад. Яке аз вазифаҳои шахси пинҳонкунанда, ин бо ҷои зисти муваққатӣ таъмин намудани шахс мебошад.

**5. ҚАБУЛ НАМУДАН (гирифтани одамон)**

Қабул намудан, маънои таъмин намудани шуғли шахси интиқолдодашударо дорад.

**II. ВОСИТА**

Баъд аз оне, ки шахс барои хариду фурӯш ҷалб карда шуд, вазифаи навбатии одамҷаллобон, ин барои иҷрои ин ё он кор маҷбур сохтани ӯ мебошад. Маҷбурсозии шахс бо роҳи зӯроварии ҷисмониву рӯҳӣ ва ё таҳдиди татбиқи он содир мегардад. Роҳҳои маъмултарини маҷбурсозӣ инҳоянд:

- Асорати қарзӣ;
- Ҳиллаву найранг (шантаж);
- Таҳдид;
- Зӯроварӣ.

**Асорати қарзӣ.** Аксар вақт асорат ҳангоми ҷалби одамон ба миён меояд. Ҳангоме, ки ҷалбкунанда шахсеро ба коре ҷалб месозад ӯ дар омода кардани шиносномаи хориҷӣ ва пардохти хароҷотҳои роҳ ба ӯ кӯмак мекунад ва маҳз ҳамин хароҷотҳо дар оянда метавонанд сабабгори қарздор шудани шахс гарданд. *Мисоли чунин ҳолат метавонад он бошад, ки ширкате ба шахс корӣ баландмуздеро бо шароити хуби меҳнат пешниҳод намудаст ва ҳамаи хароҷотҳои роҳро ба ӯҳдаи худ гирифтааст. Ҳангоми расидан ба мамлакати таъинотӣ маълум мешавад, ки кори ваъдашуда ҷавобгӯи интизорӣ ва хоҳиши шахс нест, вале бино бар сабабе, ки ҷалбкунандагон аллакай маблағеро сарф кардаанд онҳо кормандонро ба иҷрои ин кор водор месозанд ва баргардонидани маблағҳои худро талаб мекунанд. Баъзан вақт ҷои хоб ва ғизои ба кормандон додашуда низ сабабгорӣ ба асорати қарзӣ кашида*

*шудани шахсон мегардад. Илова бар ин маблағҳое, ки аз тарафи одамҷаллобон барои пардохти қарз талаб карда мешаванд маротибаҳо аз маблағи аслии сарфкардашуда зиёд ҳастанд ва маҳз ин ҳолат дар муддати кӯтоҳ пардохт кардани онро гайриимкон мегардонад.*

**Найранг (шантаж).** Одатан ин тарзи маҷбуркунӣ ҳангоми маҷбурсозӣ ба фоҳишагӣ ва истифода дар порнография истифода карда мешавад. Хатари паҳн намудани маълумот дар бораи фаъолияти фоҳишагӣ, ҷабрдидаро водор месозад ба талаботҳои одамҷаллобон итоат кунад.

**Таҳдид.** Ин ҳам як воситаи маҷбурсозии шахс мебошад, ки теъдоди зиёди шахсон ба воситаи он ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон гардидаанд. Аксар вақт одамҷаллобон баъд аз расидани шахсон ба ҷои таъинот бо ҳар баҳона ҳуҷҷатҳои онҳоро мегиранд ва бо истифода аз таҳдид шахсонро мутмаин месозанд, ки агар онҳоро бе шиноснома кормандони полис дастгир кунанд онҳо албатта ба маҳкама кашида мешаванд.

**Зӯроварӣ.** Истисмори одамон аксар вақт бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ амалӣ мегардад ва зӯроварии ҷисмонӣ бештар истифода карда мешавад.

## III.МАҚСАД:

Мақсади хариду фурӯши одамон – истисмор мебошад. Истисмор – истифодаи меҳнати дигарон ва аз худ кардани натиҷаҳои меҳнати онҳо мебошад. Мафҳуми истисмор чун кирдоре, ки меҳнати маҷбуриро дар бар мегирад шарҳ дода мешавад. **Шаклҳои истисмор:**

- истисмори фоҳишагӣ ва дигар шаклҳои истисмори шаҳвонӣ;
- истисмори меҳнатӣ;
- ғуломӣ ва одатҳои ба ғуломӣ шабеҳ;
- истисмори бадан (гирифтани узвҳо, модари муввақатӣ ва мавридӣ)

**1. Истисморӣ фоҳишагӣ ва дигар шаклҳои истисморӣ шаҳвонӣ.** То имрӯз ин шакли истисмор яке аз шаклҳои маъмултарин ба шумор мерафт, вале имрӯзҳо Ташкилоти байналмилалии меҳнат аз боло рафтани хариду фурӯши одамон бо мақсади истисмори меҳнатӣ шаҳодат дода истодааст. Ҷабрдидагони ин шакли истисмор занон, мардон, писарон ва духтарон мебошанд, вале тибқи маълумотҳои оморӣ духтарон ва занони ҷавони то 24 сола бештар ба ин намуд истисмор ҷалб карда мешаванд. Шаклҳои сермаъмултарини истисмори шаҳвонӣ:

- маҷбурсозӣ барои машғул шудан бо фоҳишагӣ;
- маҷбурсозӣ барои муносибатҳои шаҳвонӣ;
- маҷбурсозӣ барои порнография.

Шахсоне, ки гирифтори истисмори фоҳишагӣ ва дигар шаклҳои истисмори шаҳвонӣ мебошанд бештар вақт дар муассисаҳое зерин ба кор ҷалб карда мешаванд:

- фоҳишахонаҳо;
- барҳо ва стриптиз клубҳо;
- студияҳои моделӣ;
- кошонаҳои масҳ;
- сауна/ ҳамом;
- меҳмонхона;
- дискоклубҳо.

**2. Истисмори меҳнатӣ.**

Истисмори меҳнатӣ ҳамеша бо истифода аз маҷбурсозӣ татбиқ карда мешавад. Бинобар ин, мафҳуми «истисмори меҳнатӣ» бештар чун «меҳнати маҷбурӣ» маъмул аст. Бояд дуруст дарк кард, ки на ҳамаи ҳодисаҳои меҳнати маҷбурӣ натиҷаи хариду фурӯши одамон мебошанд, вале аксар ҳодисаҳои хариду фурӯши одам бо меҳнати маҷбурӣ анҷом меёбанд, ба истиснои ҳолатҳои гирифтани узвҳо. Инчунин муҳим аст, ки «меҳнати маҷбуриро» аз «шароитҳои номатлуби меҳнат» фарқ кард.

**Намудҳои истисмор вобаста ба тарзи маҷбуркунӣ**

Вобаста ба тарзи маҷбуркунии ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон, истисмор дар намудҳои зерин зоҳир шуда метавонад:

- маҷбуркунии ҷисмонӣ бо истифодаи зӯроварӣ ва (ё) бо истифодаи воситаҳои сахттаъсири нашъадор, машрубот, доруворихои тиббӣ;
- маҷбуркунии иқтисодӣ дар шакли асорати қарзи ё дигар вобастагии моддӣ, аз он ҷумла ғуломӣ ё шартҳои ба ғуломӣ монанд;
- маҷбуркунии рӯҳӣ бо роҳи найранг (шантаж), фиреб, гумроҳкунӣ ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ;
- вобастагии ҳуқуқӣ ба воситаи фарзандхонӣ ё васоят, ё издивоҷ бидуни мақсади барпо кардани оила.

**Меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ** - ҳама гуна кор ва ё хизматест, ки шахс иҳтиёрӣ мароми худро баҳри иҷро намудани он изҳор накардааст ва иҷрои он аз шахс бо истифода аз таҳдиди татбиқи ҷазое талаб карда мешавад. Дар зери мафҳуми ҷазо – ҷазои ҷиноӣ дар назар дошта нашудааст, ҷазо метавонад дар шакли маҳрум намудан аз имтиёзҳо ва ё аз даст рафтани ҳуқуқҳо зоҳир гардад. *Мисол: «Шахсоне, ки фардо дар шанбегӣ иштирок накунанд, ба имтиҳонҳо роҳ дод намешаванд» ва ё «Шахсоне, ки то охири рӯз 100 кило пахта ҷамъоварӣ накунанд, онҳо ба тамошои консерти идона, ки дар майдончаи варзишии ноҳия баргузор мегардад, роҳ дода намешаванд».*

Дар зер истисноҳое, ки нисбати баъзе шаклҳои меҳнати маҷбурӣ ва ё ҳатмӣ пешбинӣ шудаанд, ки чун меҳнати маҷбурӣ эътироф карда намешаванд, оварда шудаанд:

- хизмати ҳатмии ҳарбӣ;
- кор ва ё хизмате, ки иҷрои он аз шахс дар асоси ҳукми суд талаб карда мешавад;
- кор ва ё хизмате, ки дар рафти ҳолатҳои фавқуллода талаб карда мешавад;
- кор ва ё хизмати муқаррарии шаҳрвандон;
- корҳои ҷамъиятии ночиз, бо шарте, ки аъзоёни ин ҷамъият ва ё аҳолӣ ҳуқуқи баён намудани фикри худро оид ба мувофиқи мақсад будани кор ва ё хизмат дошта бошанд.

**Дар зер 6 унсур оварда шудааст, ки ҳолатҳои меҳнати маҷбуриро шарҳ медиҳад**. Дар сурати татбиқ гардидани як ва ё якчанд аз ин амалҳо кордиҳанда бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад:

- маҷбурсозӣ барои иҷрои кор бо таҳдид ва ё татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ;
- маҷбурсозӣ барои кор бо маҳдуд намудани озодӣ дар фаъолияти меҳнатӣ. Яъне шахс фаъолияти меҳнатиашро дар пушти дарҳои баста амалӣ месозад ва имконияти аз он ҷо баромаданро надорад. Мақсад аз чунин амал ба даст овардани фоидаи калон ва эҷод кардани монеагӣ барои муошırати кормандон бо аҳли ҷамеаи маҳаллӣ;
- маҷбурсозӣ барои иҷрои кор бинобар асорати қарзӣ. Шахс ҳамчун кафили пардохти қарз ва ё ҳамчун шахсе, ки хароҷотҳои роҳро пардохт кардааст метавонад кормандро қарздор эътироф намуда ӯро ба меҳнати маҷбурӣ водор созад. Аксар вақт чунин қарздории коргар метавонад тӯли вақти зиёд давом кашад, чунончи кордиҳанда ба корманд хӯрок ва ҷои хобро бо нархи гарон медиҳад ва ин сабаби он мешавад ки тамоми маблағе, ки коргар ба даст меорад гӯё барои пардохти хароҷотҳо барои ғизо ва ҷои хоб сарф мешавад;
- нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат ва ё напардохтани музди меҳнат. Яъне кормандон дар ҳоле қарор доранд, ки кордиҳанда аз пардохти музди меҳнати онҳо даст мекашад ва ё қисми калони музди меҳнати онҳоро бо сабабҳои номаълум намедиҳад;
- кашида гирифтани шиносномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият. Шиносномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро кордиҳанда аз кормандон бештар бо баҳонаи бақайдгирӣ дар хадамоти муҳоҷират ва ё дигар мақомотҳо гирифта мешаванд ва дигар ба кормандон бар гардонида намешаванд ва чун натиҷа чунин кормандон дар тобеъиятӣ кордиҳанда қарор мегиранд;
- маҷбурсозӣ барои иҷрои кор бино бар таҳдиди супоридани шахс ба мақомотҳои давлатӣ. Чунин намуди таҳдид бештар нисбати муҳоҷирони меҳнатие, ки худро дар мамлакати исташон ба таври зарурӣ ба қайд нагирифтаанд, татбиқ карда мешавад.

**Соҳаҳое, ки дар онҳо бештар меҳнати маҷбурӣ истифода карда мешавад:**

- Сохтмон ва истеҳсоли хишт;
- Ҳоҷагии қишлоқ (кишоварзӣ);
- Саноати кӯҳӣ ва ҷангал;
- Коракарди маводи ғизоӣ;
- Хизматрасонии хонагӣ, хизматгорҳо, дояҳо;
- Кор дар корхонаҳои истеҳсолӣ, алалхусус корхонаҳои дӯзандагиву бофандагӣ;
- Хизматрасонии ҷамъятӣ, коркунони меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, барҳо ва, фитнесклубҳо;
- Саноати дилхушию фароғатӣ, раккосаҳо ва стриптизершаҳо.

## МЕҲНАТИ КӮДАКОН

**Меҳнати кӯдакон** ин ба тариқи мунтазам ба кор ҷалб кардани кӯдакон аст. Ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Ташкилоти байналмилалии меҳнат ва Созмони Миллали Муттаҳид ва бархе аз мамлакатҳо меҳнати кӯдаконро яке аз шаклҳои истисмор эътироф карда, онро ғайриқонунӣ меҳисобанд. Дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ба кӯдак «ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ ва аз ҳама гуна коре, ки метавонад ба саломатии ӯ хатар дошта бошад ва ё ба таҳсили ӯ монеагӣ эҷод намояд, ё ин ки ба саломатӣ ва инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, равонӣ, динӣ ва иҷтимоии ӯ зарар расонад» кафолат дода мешавад.

Дар саросари дунё кӯдакон дар самтҳои гуногун истисмор карда мешаванд:

- гадоӣ ва талбандагӣ;
- рафторҳои шаҳватангез (порнография);
- фоҳишагӣ;
- дар хоҷагии қишлоқ;
- дуздӣ.

Мутобиқи Кодекси оила ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» кӯдак, шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст (моддаи 55 Кодекси оила).

Тибқи қонунгузорӣ кӯдак ҳуқуқ ба меҳнат дорад ва дар баробари ин аз истисмори ҳама гуна меҳнати маҷбурӣ ҳимоя карда мешавад.

Албатта, кӯдакон метавонанд дар пешбурди хоҷагиҳои оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ ба волидайни худ кӯмак намоянд, вале набояд фаромӯш кард, ки кӯдак бояд аз ҷараёни таълим ва омӯзиш, пеш аз ҳама рафтани мактаб дур нашуда бошад.

Дар қонунгузорӣ ба меҳнати кӯдакон моддаҳои алоҳидаи зерин бахшида шудаанд:

**Конститутсия:**

- **Моддаи 34.** Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси

давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

- **Моддаи 35.** Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад.

Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

- **Моддаи 41.** Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад.

Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

**Кодекси меҳнат:**

- **Моддаи 8.** Манъи меҳнати маҷбурӣ.

Меҳнати маҷбурӣ манъ аст.Чунин корҳо меҳнати маҷбурӣ намебошанд:

- корҳое, ки иҷрои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизмати ҳарбӣ талаб карда мешавад;

- корҳое, ки иҷрои онҳо дар шароити холатҳои фавқулодда ҳангоми таҳти хатар будани ҳаёт, амнияти шахси ва ё саломатии аҳолӣ талаб карда мешавад;

- корҳое, ки дар натиҷаи эътибор пайдо намудани ҳукми суд талаб карда, таҳти назорати мақомоти давлатӣ, ки масъули назорати қонуният ҳангоми иҷрои ҳукми суд мебошанд, иҷро карда мешаванд.

Дар ин сурат кормандро ба ихтиёри шахсони алоҳида, ширкатҳои хусусӣ гузоштан мумкин нест.

- **Моддаи 27.** Тарафҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ.

Шаҳрванде, ки ба синни понздаҳсолагӣ расидааст, метавонад чун корманд, тарафи шартномаи меҳнати бошад. Хонандагоне, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидаанд, метавонанд тибқи ҳолат ва тартиби муқаррарнамудаи моддаи 174 Кодекси мазкур шартномаҳои меҳнатӣ банданд.

- **Моддаи 67.** Давомнокии вақти кор.

Дар сурати ҳафтаи панҷрӯзаи кор давомнокии кори ҳаррӯза (смена)-ро қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнати ё ҷадвали смена, ки онро корфармо баъди маслиҳати пешакӣ бо мақоми дахлдори намояндагии кормандон бо назардошти хусусияти кор ва риояи

давомнокии ҳафтаи кори муқаррargardida тасдиқ намудааст, муайян менамоянд. Давомнокии кори ҳаррӯза (смена) набояд аз ин зиёд бошад:

- барои кормандони синни аз 15 то 16 - 5 соат, аз 16 то 18 - 7соат;
- барои хонандагони муассисаҳои маълумоти умуми (мактабҳо), муассисаҳои таълимии ибтидои ва миёнаи касбӣ, ки дар давоми соли хониш таҳсилу кор мекунанд - синни аз 14 то 16 - 2,5 соат, синни аз 16 то 18 - 3,5 соат;
- барои маъюбон - 6 соат.
- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд - нисфи давомнокии мӯътадили вақти корие, ки дар моддаҳои 60-67 ҳамин Кодекс муайян шудаанд. Ҳангоми ҳафтаи шашрӯзаи кор агар меъёри якҳафтаина 40 соат бошад, давомнокии кори ҳаррӯза аз 7 соат, агар меъёри якҳафтаина 35 соат бошад, аз 6 соат, агар меъёри ҳафтаина 24 соат бошад, аз 4 соат зиёд буда наметавонад.

- **Моддаи 174.** Синни қабул кардан ба кор.

Шахсони аз понздаҳсола хурд ба кор қабул карда намешаванд. Барои омода кардани ҷавонон ба кори истеҳсолот талабагони мактабҳои маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро ҷиҳати иҷрои кори сабуке, ки ба саломати зарар намерасонад ва ҷараёни таълимро халалдор намесозад, дар вақти холи, пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ бо мувофиқаи падар ё модар ё шахси ивазкунандаи онҳо ба кор қабул кардан мумкин аст.

Тамоми шахсони аз синни бисту яксола хурд танҳо баъди муоинаи пешакии тибби, тибки талаботи моддаи 145 Кодекси мехнат гузаронидашуда ба кор қабул карда мешавад.

- **Моддаи 176.** Ҳуқуқи меҳнатии ноболиғон.

Шахсони аз ҳаждаҳсола хурд дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо болиғон баробарҳуқуқ мебошанд, аммо дар соҳаи ҳифзи меҳнат, вақти кор, рухсатиҳо ва баъзе шароити дигари меҳнат аз имтиёзоти барои онҳо муқаррарнамудаи Кодекси еҳнат, дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд.

- **Моддаи 177**. Корҳое, ки иҷрои онҳо барои шахсони аз ҳаждаҳсола хурд манъ аст.

Корҳои вазнин ва корҳои шароиташон зарарноку хатарнок, корҳои зеризаминиро ичро кардани шахсони аз ҳаждаҳсола хурд, ҳамчунин иҷрои корҳое, ки ба саломатӣ ё рушди маънавии онҳо зиён расонида метавонанд, манъ аст. Бори аз ҳадди барояшон муқарраршуда вазнинро бардоштан ва дастӣ кашондани ин шахсон мумкин нест.

Рӯихати корҳои шароиташон номусоидро ба ҷо овардани ашхоси аз ҳаждаҳсола хурд ва ҳадди меъёрҳои борро дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

• **Моддаи 178.** Муддати ихтисоршудаи вақти кори шахсони аз ҳаждаҳсола хурд. Давомнокии вақти кори кормандони синни аз понздаҳ то ҳаждаҳсола ҳафтае на зиёдтар аз сиюпанҷ соат ва шахсони аз чордаҳ то понздаҳсола ҳафтае на зиёдтар аз бисту чор соат муқаррар карда мешавад. Давомнокии вақти корӣ талабагоне, ки дар давоми соли таҳсил дар вақти холи аз таҳсил кор мекунанд, аз нисфи давомнокии ниҳоии вақти корӣ дар қисми якуми ҳамин модда барои шахсони синну соли дахлдор пешбинишуда зиёд буда наметавонад.

• **Моддаи 179.** Додани музди меҳнати кормандони аз ҳаждаҳсола хурд дар сурати кӯтоҳ будани вақти кори ҳаррӯза.

Музди меҳнати кормандони аз ҳаждаҳсола хурде, ки муддати кори ҳаррӯзаашон кӯтоҳ аст, ба андозаи музди меҳнати кормандони категорияҳои дахлдори муддати кори ҳаррӯзаашон пурра дода мешавад. Музди меҳнати талабагоне, ки дар вақти фориғ аз таҳсил дар ташкилотҳо кор мекунанд, аз ҳисоби муддати кор ё вобаста ба маҳсули меҳнат дода мешавад.

• **Моддаи 180**. Рухсатии ҳарсолаи кормандони аз ҳаждаҳсола хурд.

Ба кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ҳар сол на камтар аз си рӯзи тақвими рухсатии пулакии меҳнати дар фасли тобистон ё ҳар вақти дигари барои онҳо мувофиқ дода мешавад. Агар соли корӣ, ки барои он рухсати дода мешавад, давраи то ба ҳаждаҳсолаги расидани корманд ва баъди онро дар бар гирад, давомнокии рухсати барои собиқаи кории то расидан ба ҳаждаҳсолагӣ аз ҳисоби си рӯзи тақвими ва барои собиқаи кории баъди расидан ба ҳаждаҳсолагӣ дар асосҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад.

• **Моддаи 181**. Манъи ба корҳои шабона, изофакориҳо ва кори рӯзҳои истироҳат ва ид ҷалб кардани кормандони аз ҳаждаҳсола хурд, ҳамчунин сафарҳои хизматӣ фиристодани онҳо.

Кормандони аз ҳаждаҳсола хурдро ба корҳои шабона ва изофакориҳо, кори рӯзҳои истироҳат ва ид ҷалб кардан, ҳамчунин ба сафари хизмати фиристодан манъ аст.

• **Моддаи 182.** Кафолатҳои иловагӣ барои кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ.

Шартномаи меҳнатиро бо корманди аз ҳаждаҳсола хурд бо ташаббуси корфармо ғайр аз риояи тартиби умуми танҳо бо мувофиқаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак қатъ кардан мумкин аст.

• **Моддаи 183.** Қатъи шартномаи меҳнатӣ бо талаби падару модар, васӣ (парастор), ё мақомоти ваколатдор.

Агар идома додани кор ба саломатии шахсони аз ҳаждаҳсола хурд зарарнок ё бо зиёни дигар вобаста бошад, падару модар, васӣ (парастор), ҳамчунин мақомоти ба ин кор ваколатдор ҳақ доранд, ки қатъи шартномаи меҳнатиро талаб намоянд.

**Қонун «Дар бораи маориф»**

- Қисмҳои 3 ва 4, **Моддаи 26.** Ташкили раванди таълиму тарбия.

Дар муассисаи таълимӣ интизом дар асоси эҳтироми шаъну эътибори хонандагон, тарбиягирандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ба роҳ монда мешавад. Истифодаи усулҳои зӯроварии ҷисмонию рӯҳи нисбати онҳо норавост. Дар муассисаҳои таълими, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, аз иҷрои вазифаи асоси дур сохтани кормандони соҳаи омӯзгорӣ, ҷалби хонандагон, тарбиягирандагон, донишҷӯён, аспирантҳо ба корҳои кишоварзӣ ва дигар корҳои ба таълиму тарбия вобаста набуда, манъ аст.

- **Моддаи 39.** Ҳуқуқ ва ҳимояи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Қисми 4.

Хонандагон, тарбиягирандагон, донишҷӯён ва аспирантҳои муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд, аз амали (беамалии) ғайриқонунии маъмурият, омӯзгорон ва дигар кормандон, ки ҳуқуқ, шаъну шараф ё қадру эътиборашонро паст мезананд, мутобиқи қонун худро ҳимоя кунанд.

**Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- **Моддаи 130.1** Хариду фурӯши одамон.

1) Хариду фурӯши одамон, яъне бо мақсади сӯистифода (сӯистифодаи фоҳишагарии дигар шахсон ё дигар шакли сӯистифодаи шаҳвоният, кор ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломи ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ, ҳолати ноилоҷи ё гирифтани узв ва ё бофта) - ҷалбкуни, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо роҳи таҳдиди зӯри ё истифодаи он ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллоби, фиреб, сӯистифодаи мансаб ё ҳолати заифӣ, ё бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад, содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

2) Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) нисбати ду ё зиёда шахс;

г) бо истифодаи зурӣ ё таҳдиди истифодаи он;

д) бо мақсади аз ҷабрдида гирифтани узв ё бофтаҳои бадан барои трансплантатсия;

е) аз тарафи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифаҳои хизматӣ, ё дигар шахсе, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, ё дигар ташкилотҳо вазифаи идоракуниро иҷро мекунад;

ё) бо ҷойивазкунии ҷабрдида тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ

ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳое, ки дар қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар:

а) боиси марги ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Шахсе,ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда пешбиншударо содир карда бошад, агар ихтиёран ба мақомотҳои дахлдор хабар дода, ҷабрдидаи хариду фурӯши одамонро озод карда бошад, ба шарте дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

- **Моддаи 132.** Ҷалби одамон барои истисмор.

1) Ҷалби одамон бо мақсади шаҳвонӣ ё бо тарзи дигар истисмор намудани онҳо, - бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамон мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) нисбати шахси баръало ноболиғ;

в) такроран содир шуда бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдоре, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар онҳо:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) бо мақсади аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани чунин шахсон;

в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад,- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

- **Моддаи 153.** Вайрон кардани қонунҳои меҳнат.

Дидаю дониста ғайриқонунӣ аз кор озод кардани шахс, иҷро накардани қарори суд дар хусуси ба ҷои кори пештара барқарор кардан, ҳамчунин дигар ҳаракатҳои қасдан ва моҳиятан вайронкунии қонунҳои меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, - бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

- **Моддаи 164.** Монеъ шудан ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола).

Ба ҳар тарзе монеъ шудани шахси воқеӣ ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола), - бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

**3. Ғуломӣ ва одатҳои ба ғуломӣ шабеҳ**

Ғуломӣ гуфта ҳолат ва ё вазъияте фаҳмида мешавад, ки нисбати шахс ҳама ва ё баъзеи ваколатҳои ҳуқуқи соҳибмулкӣ татбиқ мегарданд. Ҳолатҳои ба ғуломӣ шабеҳ инҳоянд:

- Асорати қарзӣ;
- Ҳолати тобеъият, яъне ҳолате, ки шахс дар замини шахси дигар кору зиндаги мекунад ва наметавонат онро тарк кунад ё вазъи худро таъғир диҳад;
- Аз тарафи волидайн ва ё парасторон бе розигии зан ба шавҳар додани ӯ ва ба даст овардани маблағ ва ё мукофот.
- Шавҳари зан ва ё ҳангоми фавти шавҳар оилаи шавҳар занро барои мукофот ва ё ба тариқи мерос ба дигар кас медиҳанд.
- Волидайн ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда фарзандони ноболиғи худро бахри истисмор ва меҳнати маҷбурӣ, бо мақсади ба даст овардани фоида ва ё мукофот ба шахси дигар медиҳанд.

4. **Истисмори бадан**;

- ҳомиладоршавӣ ва таваллуди маҷбурии кӯдак;
- гирифтани узвҳои бадан барои трансплантация.

**ОҚИБАТҲОИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМ БАРОИ ҶАБРДИДАГОН**

**1. Махдудияти ҳуқуқӣ:**

- ҳуҷҷатҳои қалбакӣ;
- вайрон кардани қоидаҳои гузаштани сарҳад;
- вайрон намудани реҷаи раводид;

**2. Маҳдудияти молӣ:**

- муносибатҳои қарзӣ бо кордиҳанда;
- пардохта нашудан ва ё қисман пардохта шудани музди меҳнат;

**3. Ногувории вазъи саломатӣ:**

- Бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва гинекологӣ;
- ВНМО/БПНМ;
- Нашъамандӣ ва майпарастӣ
- Бемориҳои сироятӣ (сил, гепатитҳо ва ғ.)
- Безурётӣ;
- Марг;

• Дигар бемориҳо (дил ва системаи хунгард, гурда ва системаи таносул ва шоша, узвҳои ҳозима)

**4. Ногуворий вазъи рухӣ:**

• Синдроми Стокголм (ҷабрдида бар асари ҳаяҷони сахти рӯҳӣ ба одамҷаллобон бо ҳусни таваҷҷуҳ  ва ҳиссӣ ҳамдардӣ муносибат намуда, амалҳои онҳоро дуруст мешуморад ва бо ақидаҳои онҳо ҳамфикр шуда ҳолати вазнини худро ба нафъи кор мешуморад);

- Афсурдаҳолӣ;
- Фикрҳои худкушӣ;
- Ҳиссиёти гуноҳдорӣ, нодаркорӣ, маъюсӣ ва ноумедӣ:
- Изтироб;
- Ҳарос аз оқибатҳои равшан шудани ҳолатҳои кор ва сарзаниши атрофиён;
- Парешонии шахсият ва рафтори ӯ;
- Вобастагӣ аз маводҳои психотропӣ;
- Вайроншавии асаб (невроз, психоз).

**5. Маҳдудияти иҷтимоӣ**

- Қашшоқӣ;
- Поймол шудани ҳуқуқҳо;
- Қатъ гаштани равобити оилавӣ;
- Аз даст додани эътимод ба худ ва боварӣ ба атрофиён;
- Ҷустуҷӯи гунаҳкорон ва хоҳиши гирифтани қассос;
- Аз даст додани мавқеи иҷтимоӣ;
- Сарзаниши ҷамъиятӣ, доғи фоҳиша (стигматизация);
- Таъғир ёфтани арзишҳои инсонӣ;
- Надоштани имконияти гирифтани товони зарар (моддӣ ва маънавӣ);

**Чӣ тавр ҷабрдидагони хариду фурӯш метавонад аз одамҷаллобон раҳоӣ ёбанд?**

- Ба консулгарӣ ва сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд;
- Аз ташкилотҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динии маҳаллӣ кӯмак пурсанд;
- Аз мизоҷони худ кӯмак пурсанд ва ё аз телефони онҳо ба рақами телефони боврӣ занг зананд;
- Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд.

## МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД

### Қоидаҳои сафари бехатар ба ҳориҷи кишвар

**1.** Шиносномаи худро ба касе надиҳед. Ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти Шуморо муайян месозанд бояд танҳо дар дасти Шумо бошанд;

**2.** Ба қадри имкон кӯшиш намоед маблағи шиносномаи хориҷӣ, чиптаҳо, раводидҳо, иҷозатномаҳо барои кор ва дигар ҳуҷҷатҳоро шахсан пардохт намоед. Ин ба Шумо имконият медиҳад худро аз асорати қарзӣ эмин нигоҳ доред ва инчунин аз тарафи шахсони дигар бо мақсадҳои ғаразнок истифода шудани ҳуҷҷатҳои шуморо истисно мекунад.

**3.** Арзиши чиптаи ҳавопаймо, қатора ва ё мошинро аз мамлакате, ки ба он ҷо сафар карда истодает муайян кунед. Хуб мебуд агар миқдори кофии пулро барои харидани чиптаи бозгашт, бо худ дошта бошед ва ё чиптаи бозгаштро бо таърихи кушода харидорӣ карда бошед;

**4.** Кӯшиш намоед аз хизматрасониҳои шахсони ношинос бо мақсади дароз кардани мӯҳлати амали раводид ва ё иҷозатнома истифода накунед.

**5.** Якчанд нусхаи шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти худро тайёр карда, якеашро дар дасти худ нигоҳ доред, боқимондаашро ба дасти шахсони шинос диҳед ва ё дар ҷойҳои гуногуни шаҳре, ки дар он қарор доред пинҳон кунед.

**6.** Пеш аз сафар ба наздикон ва хешовандони худ маълумоти ҳарчи бештарро дар бораи маконе, ки ба он сафар карда истодаед, номи шахсоне, ки ба Шумо дар дарёфт кардани кор миёнаравӣ ва ё кӯмак кардаанд, ширкат ва ё корхонае, ки он ҷо нияти кор кардан доред гӯед, то ин ки онҳо дар сурати беному нишон шудани Шумо ин ҳолатҳоро тавонанд ба мақомоти дахлдор расонанд.

**7.** Пеш аз ба хориҷи кишвар рафтан нусхаи ҳуҷҷатҳои худро ва сурати ба наздикӣ гирифтаи худро ба наздиконатон диҳед.

**8.** Бо хешовандони худ маслиҳат карда, як калима, ибора ва ё ҷумларо ба сифати сигнал интихоб намоед, ки бо туфайли он онҳо аз дар хатар будани Шумо огоҳ шаванд. *Мисол: ҳар замоне, ки Шумо ҳангоми сӯҳбати телефонӣ бо наздиконатон калима ва ё ибораи «..........» ва ғайра истифода баред. Ин маънои онро дорад, ки Шумо дар зери хатар қарор доред.*

**9.** Ҳангоми дар хориҷа будан ба қадри имкон бо дӯстон ва хешу табори худ дар тамос бошед ва дар бораи ҷойҳои кори нави худ ба онҳо маълумоти муфассал диҳед, то ки ҳангоми ба мушкили дучор гардидани Шумо ва қатъ гардидани муоширати бо хешу табор онҳо маълумоти бештар дошта бошанд ва тавонанд ба мақомоти дахлдор ин маълумотро расонанд.

**10.** Пешакӣ суроға ва рақами телефонии намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва хадамотҳои махсуси кӯмак ба муҳоҷирон ва Ҷабрдидагони хариду фурӯши одамонро дар мамлакате, ки ба он сафар карда истодаед дарёфт кунед ва ба қадри имкон онҳоро дар хотири худ нигоҳ доред.

**11.** Пеш аз сафар ҳатман истифода кардани Интернетро аз худ кунед ва барои худ суроғаи электронӣ боз кунед,то ин ки дар мавриди зарурӣ тавонед бо наздикони худ дар тамос бошед.

**12.** Кортҳои телефонӣ харидорӣ кунед ва тарзи истифодаи онро аз худ кунед.

**13.** Бо худ қомус ва ё китоби гуфтугӯ гиред, то ин ки дар сурати зарурат тавонед ба атрофиён муроҷиат карда аз онҳо кӯмак бипурсед.

**14.** Агар Шумо ба хориҷа бо мақсади таълим равед, маълумотро дар бораи муассисаи таълимӣ, шартҳои таълим ва талаботҳо оид ба буду бош дар мамлакати сафар дарёфт намоед.

**15.** Ҳеҷ вақт кӯшиш накунед сарҳадро бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ убур созед.

**16.** Агар Шумо ба хориҷи мамлакат бо мақсади барпо кардани оила равед, ҳамаи маълумоти заруриро (номи пурра, суроғаи ҷои истиқомат, ҷои кор, вазъи оилавӣ ва ғ.) нисбати шахсе, ки бо ӯ оила барпо кардани ҳастед, пайдо кунед.

**Ба шахсоне, ки ба хориҷа бо нияти кор кардан меравand дар баробари қоидаҳои дар боло овардашуда риояи қоидаҳои зерин низ муҳиманд:**

1. Ба қадри имкон маълумотро дар бораи корхонае, ки бо кортаъминкунӣ машғул аст пайдо кунед ва муайян намоед, оё корхона иҷозатнома (литсензия) барои амалӣ намудани чунин фаъолият дорад ё не. Тибқи қонунгузории ҶТ , -шахсоне, ки бе иҷозатнома (литсензия) ба ташкили фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳрии Тоҷикистон дар хориҷа машғуланд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашида мешаванд.

2. Ҳақиқи будани ширкат ва шахсияти шахсе, ки ба Шумо кор дар хориҷаро пешниҳод месозад муқаррар кунед.Чунин маълумотро метавонед дар намояндагии дипломатӣ консулгарии мамлакате, ки ба он ҷо сафар доред аниқ кунед.

3. Ба мулоқот бо ширкати кортаъминкунӣ ва ё кордиҳанда танҳо наравед. Бо худ рафиқ ва ё касе аз наздикони худро ҳамроҳ гиред.

4. Агар кор ба Шумо аз тарафи намояндаи ширкати кортаъминкунанда пешниҳод шавад, хатман ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, ваколтномаи ширкатро, ки тибқи он ба намоянда ваколати «дарёфти кормандон дар хориҷа» дода шудааст, талаб намоед.

5. Номи пурра ва суроғаи ширкат ва ё шахсонеро, ки Шуморо ба хориҷа барои кор даъват карда истодаанд, муайян намоед.

6. Барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷа раводиди корӣ ва ё иҷозатнома барои кор лозим аст. Дар сурати надоштани раводиди корӣ ва ё иҷозатнома, фаъолияти меҳнатӣ дар ин давлат манъ аст.

7. Агар ба Шумо кореро дар мамлакати хориҷӣ пешниҳод намоянд аз ҳама гуна қарордодҳои шифоҳӣ канора ҷуед ва кӯшиш кунед, ки

муносибатҳои худро ба таври хаттӣ ва бо забони ба Шумо фаҳмо ба танзим дароред.

8. Шартномаҳои меҳнатӣ бандед. Агар Шумо корро дар хориҷа тавассути ширкати кортаъминкунӣ пайдо карда бошед пас бояд 2 шартнома баста шавад: 1) бо ширкати кортаъминкунанда, ки танҳо бо дарёфт кардани кори муносиб ва додани маслиҳат оид ба дарёфти кор машғуланд; 2) бо кордиҳанда, ки Шуморо ба кор қабул кардааст ва Шумо бевосита дар он ҷо фаъолият мекунед. Хуб мешавад, агар шартнома бо якчанд забон тартиб дода шавад, яке бо забони давлатии мамлакате, ки он ҷо кор хоҳед кард ва дигаре бо забоне модарии Шумо ва ё забоне, ки ба Шумо фаҳмо аст. Дар сурате, ки агар шартнома бо забони барои Шумо нофаҳмо омода шуда бошад тарҷума кардани онро талаб кунед ва тарҷумаи онро ба шахси беғараз пеш аз имзо мондан нишон диҳед.

**Маълумоте, ки дар шартнома дарҷ гардидани он ҳатмист;**

- Ному насаб, суроға ва маълумоти шиносномаи корманд;
- Номи шахс ва ё ширкати ба кор кабулкунанда, суроға, телефон, вазъи ҳуқуқии он ва номгӯи ҳуҷҷате, ки ширкат фаъолияташро дар асоси он амалӣ месозад;
- Мӯҳлати амали шартнома;
- Шарҳи кор ва шартҳои иҷрои он, ки ба ӯҳдаи корманд вогузор карда шудааст;
- Ҳаҷми маблағи музди меҳнат ва тартиби пардохти он;
- Шартҳои пешниҳод намудани ҷои истиқомат, шароитҳои ҷои истиқомат ва тартиби истифодаи он;
- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корманд;
- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кордиҳанда;
- Шартҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи тиббӣ;
- Давомнокии соати корӣ дар як ҳафта;
- Тартиби ҳалли баҳс байни коргар ва корфармо;
- Тартиби қатъ гардидани шартнома;
- Имзои тарафҳо.

МКА